СУРАТМАҶЛИСИ № 54
Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

аз 4-уми июли соли 2026 **ш. Душанбе**

Раис - доктори илмҳои сиёсӣ, Қувватзода Сайдулло Зувайд.

Котиби илмӣ - номзади илмҳои сиёсӣ, Сангинов Назрулло Наимович.

Раис: Муҳтарам, аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2024, таҳти №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шукурзода Саодат Нусратулло дар мавзуи «Иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили сиёсӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

2. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Қарор қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Шукурзода Саодат Нусратулло дар мавзуи «Иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили сиёсӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммад Саъдӣ Абдураҳмон – сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи №2 ВКД ҶТ;
- номзади илмҳои сиёсӣ, Ҷабборӣ Насиба Ҷаббор – муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Ба чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 12-уми сентябри соли 2026, соати 13^{00} таъйин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____/ Сангинов Н.Н.